# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот*

Рисолаи илмии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ” дар замони муосир бо дарназардошти тараққиёти босуръати илму технологияи замон, ичунин соҳаҳои мухталифи ҷомеа ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ гардидааст. Ногуфта намонад, ки масъалаи кор бо иттилоот ва дарки мазмуни он яке аз салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри нави ба ном асри иттилоот маҳсуб ёфта, равандҳои ҳадафмандонаи педагогии таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон ба ҳаёти оянда, ки яке аз мақсадҳои асосии таҳсилоти муосир шуморида мешавад, маҳсуб меёбад.

Сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ моро водор месозад, ки таҳқиқоти мазкур барои кашфи моҳияти ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур баррасӣ карда шудааст.

Таҳқиқоти илмии Маҳмудзода Қумринисо муайян намуд, ки бояд ба ҷанбаи ангезавию арзишӣ ҳангоми кори ДКТ тибқи барномаи такмили салоҳиятнокии касбӣ диққати махсус дода шавад. Амалан пурра вуҷуд надоштани маълумот дар бораи чунин таҳқиқот дар адабиёти махсус кори моро махсусан мубрам ва ҷолиб месозад.

Бо дарназардошти он ки ҳавасмандӣ яке аз омилҳои калидии водорсозии субъект ба амалиёти фаъолона аст, дар раванди таълим динамикаи ангезаҳоро андозагирӣ кардем, ки дар фаъолияти таҳсилотӣ ва касбии табибони оянда нақши муҳим доранд.

Ҳамзамон, ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳида ҳамчун таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа таҳлилшуда то ба ҳол мавриди омӯзиш ва таҳқиқ нашудааст бинобар ин коркарди мавзуи мазкур аз тарафи унвонҷӯй иқдому ибтикори сазовор дар илми педагогикаи миллӣ номидан мумкин аст.

Довталаб самтҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро мавзуъ ва объекти таҳқиқотро мавриди таҳлили илмӣ қарор намуда, дар ин раванд то ҷое муваффақ шудааст, зеро

таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва таввсияҳои методии аз тарафи довталаб манзуршуда собит бар гуфтаҳои болост.

Ба андешаи мо навгонии илмии таҳқиқот тариқи зайл аст, ки муаллифи рисолаи илмӣ равандҳои педагогии мушкилиҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро муайян карда, хусусиятҳои таълиму тарбияро дар асоси амсилаи коркардшуда омӯхта, мафҳуми онҳоро аз ҷиҳати назариявӣ то андозае аниқ карда, роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ коркард кардааст. Ҳамзамон муайян намудааст, ки ин малакаҳо салоҳияти аз ҳама асосӣ барои тамоми фанҳои дигар ва барои фаъолияту зиндагии имрӯзаву минбаъда мубрам арзёбӣ шуда ва дар мариди раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сифати дониши донишҷӯён, воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барномаи таълим, роҳу усулҳои беҳтару хубтари кор бо донишҷӯёнро баррасӣ ва манзур намудааст.

Ба андеши мо, фаъолияти пурсамаре, ки дар рафти таҳқиқот унвонҷӯй ба итмом расонидааст, ин мушоҳида ва иштирок дар озмоиши амсилаи коркардшуда мебошад, бо ин восита довталаб муайян кардааст, ки ҳанӯз донишҷӯён аксаран салоҳиятҳои касбии худро ба дараҷаи зарурӣ намефаҳманд ва малакаҳои доштаи онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар сатҳи номуваффақ мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф сабабҳо ва омилҳои ҳолатҳои ба ин монанд мавриди таҳқиқу баррасӣ намуда, мусоидат ба ислоҳи вазъ дар ин ҷода, амсилаҳои муносибу мувофиқи методиву омӯзиширо коркард ва манзури омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳо, инчунин муассисаҳои миёнаи касбӣ манзур намудааст, ки аз аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб меёбад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро аз ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро муайян кардааст, самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро аз дидгоҳи озмоиш собит намудааст, заминаҳои педагогиву психологии раванди мазкурро муайян карда, роҳу усулҳои истифодаи амсилаи коркардшударо дар раванди таълим ва аҳамияти он дар ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёнро арзёбиву баррасӣ намудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он маҳсуб меёбад, ки амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро, ки довталаб коркард ва дар асоси озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, манзур намудааст, ба

рушди маҳорату малакаҳои донишҷӯён инчунин салоҳиятҳои касбии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Мо комилан метавонем иброз намоем, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши донишҷӯён истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология бошанд.

Муаллиф дар омодасозии диссертатсия дар воқеъсаҳми арзанда гузошта, худро ҳамчун як мутахассиси бархурдори соҳа муаррифӣ намудааст.

Аз ин лиҳоз, мо комилан боварӣ дорем, ки диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисоро ҳамчун кори илмии итмомшуда ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобидан мумкин аст.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро пурра дарҷ намудааст.

Умуман, рисолаи илмии Маҳмудзода Қумринисо дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиҚ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
психологияи Донишгоҳи давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Саидов Низомиддин

27.03.2023

**Маълумот барои тамос:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 15; Тел: +992 (909) 88 10 55; E-mail: s.nizomiddin@mail.ru.

*Имзои Саидзода Низомиддинро тасдиҚ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ*
*ДДОТ ба номи С. Айнӣ* *Мустафозода А..*